

# СЕ ШИКОРЧӢ

*АФСОНАҲОИ МАРДУМИ ОЛАМ*





Мл Ф
С-28

# СЕ ШИКОРЧӢ

АФСОНАҲОИ
МАРДУМИ
ОЛАМ

ДУШАНБЕ
«АДАБИЁТИ БАЧАГОНА»
2013

ББК 82. 33+82.3 (0)
Қ– 90

**Қ-90. Се шикорчӣ** – Душанбе, «Адабиёти бачагона», 2013-10 саҳ.

Дар ин маҷмӯа афсонаҳои бисёр халқҳои ҷаҳон гирд оварда шудаанд. Шумо метавонед бо қаҳрамонони дерину нақшҳои навини онҳо ошно шуда, барои бахту саодати худ мубориза бурданро биомӯзед; адлу инсофро дарк кунед ва рӯҳияи ватанпарастии худро тараққӣ диҳед.

Ҳамеша рӯ ба китоб оред.

Китобхонаи давлатии бачагонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи М. Миршакар
2228 б/р

ISBN 978-99947-966-3-2

© «Адабиёти бачагона», 2013

## СЕ ШИКОРЧӢ

Буданд, набуданд, се шикорчӣ буданд. Дутои онҳо урён буданду севвумӣ тамоман либос надошт.

Шикорчиҳо се туфанг доштанд, ду туфанг холӣ буд, сеюмаш тир надошт. Шикорчиҳо саҳарии барвақт аз шаҳр баромадаңду хеле дур ва баъд боз ҳам дуртар рафтанд. Онҳо дар ҷангал се харгӯшро парронданд. Дутояш гурехт, ба сеюмаш тир нарасид. Шикорчиҳо онро ба кисаи шикорчие, ки тамоман либос надошт, андохтанд.

– Оҳ, Худо! – гуфтанд онҳо. – Харгӯшеро, ки гурехта рафт, чӣ хел пазем?

Шикорчиён рафтанду рафтанд ва боз ҳам дуртар рафтанд. Ниҳоят ба хонае расиданд, ки девору бому дару тиреза надошт. Шикорчиён се карат дар кӯфтанд. Соҳиби хона, ки дар хона набуд, пурсид:

– Шумо кистед? Чӣ мехоҳед?

– Аз шумо як хоҳиш дорем: ба мо дегатонро қарз диҳед. Мо харгӯшеро, ки гурехта рафт, пухтан мехоҳем.

– Эх, дӯстон, ман фақат се дег дорам: дутоаш бетаг, сеюмаш – девор!

## ГУРГ, ТӮҚУМШУЛЛУК ВА ЗАНБӮР

Рӯзе гурге дар ҷангал мерафт. Ногаҳон тӯқумшуллукро зер кард. Он замон ҷонварон ба забони одамӣ сухан мегуфтанд. Тӯқумшуллук ба гург гуфт:

– Ҳой, гург, ту нобакор будаӣ! Чаро бечорагонро зер мекунӣ? Ту аз чӣ фахр кардӣ? Агар хоҳам, аз ту тезтар медавам. Гарав мебандам, ки туву дӯстонат, ҳамаи гургон, ба ман расида наметавонед.

– Эй зиштрӯ, ҳоло ту аз мо тезтар медавӣ?

– Ҳа, гург, тезтар. Фардо, вақти офтоббаро бо дӯстонат дар ҳамин ҷо ҳозир шав. Мебинем, ки кӣ ба соҳили дарё тезтар мерасад.

– Хеле хуб, бадрӯ! Меоем!

Гург роҳашро давом дод. Бист қадам ҳам нарафта, занбӯреро зер кард.

– Эй, гурги бадрӯ! Чаро бечорагонро зер мекунӣ? Мо, занбӯрҳо, хурд бошем ҳам, аз ту наметарсем. Биё, шарт мебандем: мо тую дӯстонатро ғарқ хоҳем кард!

– Шумо, майдаҳакон, моро ғарқ мекунед?

– Ҳа, мо шуморо ғарқ мекунем. Фардо вақти офтоббаро ҳамроҳи дӯстонат ба ин ҷо биё. Он гоҳ хоҳӣ дид, ки мо шумоёнро чӣ хел ғарқ мекунем.

– Хеле хуб, мо мебиёем.

Гург ба огоҳ кардани дӯстонаш рафт. Тӯқумшуллук ба занбӯр гуфт:

– Дӯстам, ту занбӯрҳоро хабар бикун. Тӯқумшуллукҳо ҳам ҷамъ мешавем. Шумо, занбӯрҳо, дар шохаҳои бед пинҳон шавед. Мо гургҳоро ба соҳил мебарем, шумо ба онҳо ҳуҷум карда неш занед, то худро ба дарё партоянд.

– Хуб, ҳамин тавр мекунем.

Тӯқумшуллук то соҳили дарё дар ҳар панҷ қадам як тӯқумшуллукро ҷойгир кард.

Рӯзи дигар, ҳангоми тулӯи офтоб гургҳо ва тӯқумшуллукҳо дар ҷои таъиншуда ҷамъ омаданд.

– Ту ҳамин ҷой, тӯқумшуллук?

– Ҳа, гург, ман дар ҳамин ҷо. Сар кардем.

Галаи гургон саросемавор ба давидан даромаданд. Ҳангоми давидаравон онхо мепурсиданд:

– Ту дар куҷоӣ, тӯқумшуллук?

– Мо дар ин ҷо! – ҷавоб медод ҳар тӯқумшуллуке, ки дар фосилаи панҷ қадам дуртар аз шарикаш ҷойгир шуда буд.

Вақте ки гургҳо ба соҳил расиданд, занбӯрҳо мисли абри сиёҳ ба онҳо ҳуҷум карданд ва сахт-сахт неш заданд.

Гургҳо худро ба дарё партофтанд ва ҳатто фукашонро аз об бароварда натавониста, ғарқ шуданд.

## НАЙНАВОЗ САНТА

Дар замонҳои қадим ҷавоне зиндагӣ мекард, ки номаш Санта буд. Дар тамоми кишвар ҳеҷ кас мисли вай дар навохтани най моҳир набуд. Вақте Санта най менавохт, ҳама беихтиёр ба рақс медаромаданд. Вале найнавози моҳир бечораю бенаво буд, бинобар ин ҳеҷ духтар арӯси ӯ шудан намехост.

Боре Санта дар остонаи кулбаи вайронааш нишаста, ғамгинона най менавохт ва дар бораи чизе фикр мекард. Атроф хомӯш буд. Ҳатто бод аз навои най мафтун гашта, аз вазиш бозмонда буд.

Ногаҳон аз осмон абрпораи бунафшранге омад ва аз он пирамарди якчашмаи хушлибосе берун шуда гуфт:

– Салом, Санта!

– Салом, меҳмони осмонӣ! Ягон фармоиш дорӣ?

– Савти хуши найятро аз кишвари офтобиам шунида, хеле хушҳол шудам. Барои найнавози моҳир буданат духтарамро ба ту медиҳам. Розӣ ҳастӣ?

– Албатта, розӣ ҳастам. Миннатдорам.

– Пас, фардо субҳ арӯсатро мунтазир бош!

Мӯйсафед хайрухуш карду ба абри бунафшранг савор шуда рафт. Субҳи рӯзи дигар дар осмон абрпораи сафед пайдо шуд ва оҳиста- оҳиста поин омад. Аз болои абр духтаре фуромад, ки дар ҳусну ҷамол яктои ҷаҳон буд. Аз рӯяш нур мерехт, либосаш аз нури офтоб медурахшид.

– Ман бо фармони падарам омадам, – гуфт духтар, ки овозаш чун садои най маҳину гӯшнавоз буд. – Агар хоҳӣ, арӯси ту мешавам.

Санта духтарро аз дасташ гирифту ба хона даровард. Номи духтар Ната буд. Онҳо хушу хурсандона зиндагӣ карданд.

Ната духтаре буд даҳ ангушташ ҳунар, ҳам хӯрок мепухт, ҳам либос медӯхт, ҳам нақшу нигор меофарид ва ҳам суруду тарона мехонд. Ҳар роҳгузар аз рафтан бозистода, ба суруди ӯ гӯш медод. Баъзан Санта ба рақс медаромаду занаш ҳамроҳ мешуд. Онҳо чунон зебо мерақсиданд, ки кас чашм канда наметавонист.

Дар бораи ҳусну ҷамол ва ҳунармандии зани найнавоз овоза паҳн шуд. Одамон мегуфтанд, зани найнавоз чунон зебост, ки тамоми занҳои соҳибҷамол дар назди вай зиштрӯ менамоянд.

Ин овоза ба гӯши шоҳ низ расид. Вай ба навкаронаш фармуд, ки ба аспҳои бодпо савор шуда ба назди Санта раванд.

– Сантаро зудтар ба назди ман оваред! – гуфт шоҳ.

Санта ҳайрон шуд:

– Аълоҳазрат аз ман чӣ мехоста бошад? Шояд нағмаҳои найи маро гӯш кардан мехоҳад?

Навкарон ӯро ба асп савор карда, ба назди шоҳ оварданд.

Шоҳ гуфт:

– Ҳой, найнавоз! Мегӯянд, ки зани ту бисёр зебост. Ӯро ба канизии ман бидеҳ!

– Не, шоҳам. Кушед ҳам, аз занам ҷудо намешавам.

Шоҳ тиллои бисёр ваъда кард, вале найнавоз занашро ба канизии шоҳ додан нахост.

Шоҳ фикр кард, ки агар зани найнавозро зӯран кашида гирад, дар бораи ситамгарию беадолатии ӯ овоза пахн мешавад. Бинобар ин макру ҳиларо ба кор бурдан хост. Вай гуфт:

– Хеле хуб, занат ба худат насиб кунад. Аммо ба як шарт: фармони маро иҷро бикун!

– Амр фармоед, шоҳам.

– Аз хокистар таноб соз ва онро ба шакли шапарак бибанд. Ба ту то субҳидам мӯҳлат медиҳам.

«Магар аз хокистар таноб сохта мешавад? – бо ғаму дард фикр кард Санта. – Ман бадбахт шудам! Занамро кашида мегиранд!»

Вай ба хонааш расиду худро ба замин партофт.

Занаш пурсид:

– Ба ту чӣ шуд? Чӣ воқеа рӯй дод?

Санта воқеаро нақл кард.

Занаш таноберо гирифта, ба намакоб тар кард, баъд онро хушк намуд. Субҳ он танобро моҳирона ҳалқа-ҳалқа баст ва ба рӯи лаълии оҳанин гузошту оташ зад. Таноб аланга гирифту сӯхт. Ваҳ, чӣ аҷаб! – дар рӯи лаълӣ таноби хокистарӣ боқӣ монд!

– Ана, инро гиру ба шоҳ бурда деҳ! – гуфт Ната.

Санта ба назди шоҳ омаду гуфт:

– Ана, шоҳ, таноби хокистарӣ. Фармони шумо иҷро шуд.

Шоҳ ба ҳайрат афтод, фикр карду баъд гуфт:

– Ин кори мушкил набуд. Ҳар аблаҳ ҳам аз хокистар таноб бофта метавонад. Ман ба ту фармони дигар медиҳам. Фардо саҳар ба ман нақорае биёр, ки худ аз худ садо диҳад!

Санта ғамгин ба хонааш омад ва воқеаро ба занаш нақл кард.

– Ин кори мушкил нест, – гуфт Ната ва нағорае ёфта омаду ба даруни он занбӯри бисёре сар дод. Занбӯрҳо худро ба чор тараф задаанду аз нағора садо баромад.

Субҳ Санта нағораро ба назди шоҳ бурд.

– Фармон иҷро шуд! Ана, ба ин нағора нигоҳ кунед. Ҳеҷ кас ба он ангушт нарасондаст, вале худ ба худ садо мебарорад.

– Ин кори осон аст. Ҳар кӯдак ҳам аз ӯҳдааш мебарояд. Не, ман занатро кашида мегирам.

– Ӯро ба ман шоҳи кишвари офтобӣ додаст, – гуфт Санта. – Зани ман духтари шоҳ аст. Падарарӯсам ба ғазаб меояд.

– Дурӯғ мегӯӣ! Ҳеҷ кас ба гапи ту бовар намекунад!

– Не, шоҳам, ман рост мегӯям.

– Агар гапат рост бошад, ба кишвари офтобӣ бирав. Аз падарарӯсат мактубе биёр, ки мӯҳр дошта бошад. Он вақт ба гапат бовар мекунам, вагарна занатро ба канизӣ медиҳӣ.

Санта гамгин ба хонааш омад ва воқеаро ба занаш гуфт.

– Бале, ин кори мушкил аст. Вале ғамгин набош, ман ба ту ёрӣ медиҳам.

Ната ба рӯи ҳавлӣ баромаду ба осмон нигоҳ кард ва бодбезаки сиёҳашро як- ду бор афшонд. Ногаҳон садои гулдурросӣ баланд шуду паррандае мисли абри сиёҳ парида омад.

– Ба болои парранда савор шаву натарс, – гуфт Ната. – Вай туро ба осмон ба назди падарам мебарад.

Санта ба болои парранда савср шуд. Парранда ба ҳаво бархост. Санта чашмонашро пӯшид. Баъд аз чанд лаҳза чашмонашро кушоду заминро дид, ки ба донаи кунҷид монанд шудаст.

Онҳо ба осмон расиданд. Шоҳи кишвари осмонӣ домодашро ба хушнудӣ пешвоз гирифт ва ба қасри тиллоияш бурд. Сантаро ба кӯрпачаҳои мулоими шоҳӣ шинонданд, дар табақи калон биринҷи мисли барф сафед ва хӯришҳои гуногун оварданд.

– Ман медонам, ки шоҳ аз ту чӣ мехоҳад, – гуфт шоҳи кишвари офтобӣ, – ту оромона хӯрокатро хӯр. Ман ба ту мактуб менависам, ки духтарамро наранҷонад.

Санта танҳо монда, таомҳои осмонӣ хӯрд.

Ногаҳон аз хонаи дигар садои нола ва илтиҷо ба гӯшаш расид:

– Вой, биринҷ мехоҳам! Ақаллан як дона биринҷ диҳед!

Санта дарро боз карду шайтони бузургчуссаи оташранги шохдори занҷирбандро дид, ки гиря мекарду ашк мерехт.

Сантаи раҳмдил як коса биринҷ оварду ба шайтон дод.

– Ма, бечора, бихӯр. Сахт гурусна мондаӣ.

Шайтони оташранг даҳони чун ғорашро кушоду тамоми биринҷро бо косааш фурӯ бурд ва бо як ҳаракат занҷирро пора кард. Аз шодӣ наъраи мудҳише кашиду ғайб зад.

Ҳамин лаҳза шоҳи кишвари офтобӣ давида омад. Рангаш сап-сафед канда буд.

– Санта, ту чӣ кор кардӣ? Ин шайтон кайҳост, ки яке аз духтарони маро дуздидан мехост.

– Кадом духтаратро? Шояд зани маро?

– Бадбахтона, ҳамин тавр! Ба ӯ хӯрок додан мумкин набуд! Агар ин шайтон як каф биринҷ хӯрад, даҳ ҳазор паҳлавонро нобуд мекунад.

– Ман намедонистам...

– Метарсам, ки шайтон духтари маро ба ҷазираи шайтонҳо мебарад. Ин ҷазира дар гӯшаи дуртарини баҳр ҷойгир шудааст. Ба он ҷо ман ҳам рафта наметавонам.

– Ин тавр бошад, зудтар паррандаи сиёҳболро чеғ занед. Ман зуд ба хона меравам, ки ба занам ёрӣ диҳам.

Вале Санта дер монд. Занаш дар хона набуд. Дари хона кушода буд, дар хонаи холӣ фақат шамол сайру гашт мекард.

– Ба он дунё ҳам бошад, шино карда меравам, вале занамро меёбам, –гуфт Санта.

Баъд най ва ниқоби мӯйсафедиро гирифту ба соҳили баҳр омад. Дар баҳр киштии бодбондор меистод. Ба он савор шуду ба ҷустуҷӯи ҷазираи шайтонҳо рафт. Дурудароз шино кард, ҷазираҳои зиёдеро дид.

Як саҳарӣ кӯҳи сиёҳеро дид, ки аз қаъри баҳр баромада буд, дар болои он оташи сурх шӯъла мезад.

Санта ба соҳил фуромаду ба найнавозӣ сар кард. Аз чор тараф шайтончаҳо ба наздаш ҷамъ шуданд ва кафкӯбон ба рақс даромаданд.

Санта аз онҳо пурсид:

– Шайтони оташранг дар куҷо зиндагӣ мекунад, медонед?

– Чаро надонем? Медонем! Вай сардори мост. Биё, нишон медиҳем.

Онҳо Сантаро ба ғоре даровароданд, ки дар кӯҳ воқеъ буд. Ба назди ғор омада Санта ба найнавозӣ шурӯъ кард. Зани найнавоз навои шиносро шунида зор-зор гирист.

– Ба ту чӣ шуд? Чаро гиря мекунӣ? – пурсид Шайтони оташранг.

– Садои найро мешунавӣ? Аз он дилам сахттар метапад.

– Оҳо! Ин аз чӣ бошад? Мабодо шавҳари найнавози ту бошад?

– Гапи аҳмақона назан! Шавҳарам ба ин ҷо чӣ тавр меояд?! Ман аз кӯдакӣ садои найро дӯст медорам. Онро бе гиря гӯш карда наметавонам.

Санта ниқоби мӯйсафедро ба рӯяш кашида ба ғор даромад. Шайтон ӯро нашинохту гуфт:

– Найятро навоз, вале оҳанги шӯх бошад. Ман дӯстонамро даъват мекунаму базму зиёфат меороям.

Дар ғор ҳамаи шайтонҳои гуногунранг ҷамъ шуданд. Санта оханги шӯхе навохт. Шайтонҳо ба рақсу ҷастухез даромаданд Санта торафт оҳанги тезтар менавохт. Шайтонҳо тезтар мерақсиданд.

Ниҳоят, онҳо хаста шуда афтодаңду хобашон бурд. Аз хурроки онҳо ғор меларзид.

Санта аз дасти занаш гирифта гуфт:

– Биё, мегурезем!

– Бо киштичаи ту дур рафта наметавонем. Шайтонҳо моро дастгир мекунанд.

– Пас, чӣ кор кунем?

– Дар ин ғор аробаи сеҳрнок ҳаст. Агар бо гурзи оҳанин ба он якто занӣ, мисли бод мепарад.

Санта бо занаш аробаи сеҳрнокро ба берун бароварда, савор шуда бо гурз якто заданд. Ароба ба ҳаво парид. Он чунон тез мепарид, ки бод ҳам ба он расида наметавонист. Ҷазираи шайтонҳо аз назар ғоиб гашт. Сантаю занаш хушҳол шуданд.

Вале дар ин асно шайтон бедор шуду фарёд зад:

– Шайтонҳо, хезед! Найнавоз духтари осмониро дуздида бурд!

Зудтар аробаи маро биёред!

Аробаи ӯро оварданд, ки он аз аробаи аввала даҳ баробар зудтар парвоз мекард. Шайтонҳо ба ароба савор шуда, ба таъқиби найнавоз сар карданд. Онҳо қариб ба аробаи найнавоз расида буданд, ки зани найнавоз бодбезаки сиёҳашро бароварду тез-тез афшонда гуфт:

– Парвоз кун, паррандаи ман! Тез биё, маро наҷот деҳ!

Ногаҳон дар болои сарашон паррандаи сиёҳ пайдо шуда, болҳояш найнавозу занашро паноҳ кард. Шайтонҳо аз камон тир мепаррондаңду найза мепартофтанд. Парранда баргашту ба аробаи шайтон нӯл зад. Ароба чаппа шуда ба баҳр афтод ва шайтонҳо ғарқ шуданд.

Санта бо занаш ба назди шоҳи кишвари офтобӣ омад. Шоҳ хурсанд шуду онҳоро чанд рӯз меҳмон кард

Ниҳоят, зану шавҳар тараддуди рафтан карданд. Шоҳ ба онҳо мактуби мӯҳрдор дод. Найнавоз ба қасри шоҳ рафту мактубро ба ӯ дод. Дар мактуб навишта шуда буд:

«Ман шоҳи кишвари офтобӣ, духтарамро ба найнавоз Санта ба шавҳар додам. Вой бар ҳоли оне, ки ба духтараму домодам бадӣ кунад!!!»

Мактубро дида шоҳ ба ғазаб омад:

– Ту боз маро фиреб додан мехоҳӣ. Ин мактубро бо фармони ту ягон мирзои зархарид навишта мӯҳр мондааст. Вале маро фиреб дода наметавонӣ. Ана, мактуби ифлоси туро чӣ кор мекунам!

Вай мактубро ба замин партофт.

Ногаҳон мактуб оташ гирифт. Хизматгорон кӯшиш карданд, ки оташро хомӯш намоянд, бо пойҳояшон зер карданд, об рехтанд. Вале шӯъла торафт баландтар мешуд.

Қасри шоҳро оташ фаро гирифт. Шоҳ тарсиду аз найнавоз узр хост:

– Ҳеҷ гоҳ туро намеранҷонам. Чӣ қадар хоҳӣ, тилло медиҳам. Маро аз ғазаби падарарӯсат халос кун.

Ин лаҳза оташ хомӯш шуд. Найнавоз гуфт:

– Ман аз ту ҳеҷ чиз намехоҳам. Маро ба ҳоли худам вогузор.

Аз ҳамон вақт найнавоз бо занаш хушу хурсандона ва оромона зиндагӣ мекунад. Ба онҳо хушбахтӣ орзу дорем!

## ДАРАХТИ МӮЪҶИЗАНОК

Педро дар сари роҳ нишаста, дар кафаш чанд тангаро бозӣ медоронд. Тангаҳо зиёд набуданд ва Педро фикр мекард, ки чӣ тавр онҳоро зиёд кунад. Ногаҳон дар роҳ аз дур чанг бархост.

– Акнун корам омад мекунад, – фикр кард Педро.

Вай тангаҳояшро дар байни шохаҳои дарахт пинҳон карду мунтазир шуд. Дар роҳ рамаи хачир пайдо шуд. Рамаро чӯпонҳо меронданд. Дар канорашон як заминдори сарватманд аспсавор мерафт.

Вақте ки саворaҳо наздик омаданд, Педро шохи дарахтро сахт афшонд. Аз болои дарахт ба замин тангаҳо рехтанд. Аз ҳайрат даҳони хоҷа ва чӯпонҳо во монд. Педро оромона тангаҳои худро ҷамъ карда, ба кисааш андохт ва гуфт:

– Хайр, барои имрӯз ҳаминаш ҳам бас аст!

Чашмони заминдор дурахшиданд:

– Ҳой, Педро! Ин чӣ хел дарахти мӯъҷизанок аст? Онро ба ман фурӯш!

Педро гуфт:

– Не, фурӯхтан намехоҳам. Ин дарахт аз падарам мерос мондааст. Ёдгории падарамро фурӯхта наметавонам. Аз дигар ҷиҳат, чунин дарахтро шабурӯз посбонӣ кардан лозим аст, вале ман сайру саёҳатро дӯст медорам. Бинобар ин, агар шумо пули калон диҳед, шояд фурӯшам.

Онҳо ба савдо сар карданд. Педро розӣ намешуду хоҷа нархро мебардошт. Ниҳоят, ҳар ду розӣ шуданду Педро пули зиёд гирифта, ба киса гузошт ва хушҳолона ба роҳаш рафт.

Соҳиби нави дарахт, ки худро хушбахт ҳисоб мекард, шохаҳоро ба афшондан сар кард, вале ягон танга наафтид.

– Аз афташ, Педро ҳамаи тангаҳоро афшонда гирифту наваш ҳоло напӯхтаст, – фикр кард заминдор.

Як рӯз сабр кард, ду рӯз сабр кард, вале аз дарахт танга намерехт.

Ниҳоят, заминдор фаҳмид, ки Педро ӯро фиреб додаст ва бо хизматгоронаш ба ҷустуҷӯи фиребгар рафт. Баъд аз роҳпаймоии зиёде Педроро дар соҳили дарё дарёфтанд. Педро хоб буд, дар паҳлӯяш шишаи шароб меистод.

– Ҳой, Педро! – фарёд зад заминдор. – Қасам ба виҷдонам, ки ту дар тамоми умрат ғайр аз оби дарё дигар чизе наменӯшӣ!

Баъд бо хизматгоронаш Педроро ба даруни халта андохту даҳонашро басту гуфт:

– Кораш тамом шуд! Биёед, пеш аз он ки Педроро ба дарё партоем, нишаста каме шароб нӯшем.

Онҳо шароб нӯшида маст шуданд ва хобашон бурд, ба хуроккашӣ даромаданд.

Педро зуд кордчаашро аз киса гирифта халтаро сӯрох кард ва дасташро бароварда даҳони халтаро кушоду берун баромад. Баъд зини аспро ба халта андохта маҳкам кард ва дар буттазор пинҳон шуда, мунтазир истод.

Баъд аз чанд соат заминдор ва хизматгоронаш бедор шуданд ва халтаро бардошта бурданду ба дарё партофтанд.

– Алвидоъ, Педро! – фарёд кард заминдор. – Акнун дар қаъри дарё моҳиҳоро фиреб дода гард!

Педро аз буттазор ҷавоб дод:

– Чаро дар қаъри дарё? Охир, одамони сода дар хушкӣ ҳам ҳастанд, ҳамонҳоро фиреб дода мегардам!

Заминдору хизматгоронаш садои Педроро ғарқшуда гумон мекарданд, шунида, сахт тарсиданд ва ба аспҳояшон савор шуда гурехта рафтанд.

Педро аз буттазор баромаду халтаро аз дарё дошта гирифт ва зинро бурда ба як деҳқон фурӯхт.

Китобхонаи ... бачагонаи
Ҷумҳурии Т... н ба номи
М. Ми...
2228

# МУНДАРИЧА

Гург, тӯқумшуллук ва занбӯр (Франсия)........................ 3

Найнавоз Санта (Япония)........................................................ 4

Дарахти мӯъчизанок (Мексика).......................................... 10



Муҳаррири техникӣ Гадойбоев Абдуаҳад
Ороиши компютерӣ Диловар Ҷабборов
Ҳуруфчин Дилором Ниёзова

Ба чопаш 14.02.2013 имзо шуд. Андозаи 60x84 1/32.
Коғази бурандуд. Чопи офсетӣ. Гарнитураи Times New Roman Tj. Ҷузъи чопӣ 0,25. Адади нашр 5000 нусха.
Супориши №18/2013. АБ

Муассисаи нашриявии «Адабиёти бачагона»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 36.
Тел: 98-103-16-75. E-mail: najmiddin64@maii.ru
Сайти муассиса: http://www.adabiet.tj

Адабиёти бачагона

9 789994 791632